**Суратмаҷлиси №5**

маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ва доктори илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.00.00 - Илмҳои филологӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.02.01 –Забони тоҷикӣ) ва 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 - Фолклоршиносӣ)

13 июни соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
аз 15 нафар узви
шуро 10 нафар

**Рӯзнома**:

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи **Жумакулов Жамшид Панжиевич** дар мавзуи "Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ва доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик (роҳбари илмӣ, номзади илми филология, ходими пешбари шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Маликова Анзурат Саъдуллоевна) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори муовини раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Назарзода С. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи **Жумакулов Жамшид Панжиевич** ба Шурои диссертатсионӣ.

**Гузориш дода шуд:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ д.и.ф. Юсуфов У. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи **Жумакулов Жамшид Панжиевич** – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи **Жумакулов Жамшид Панжиевич** дар мавзуи "Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи

ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик (роҳбари илмӣ, номзади илми филология, ходими пешбари шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Маликова Анзурат Саъдуллоевна) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Мирзо Солеҳов, доктори илми филология, узви шуро, раиси комиссияи ташхис;

-Восиева Рухшона, доктори илми филология, узви шуро, узви комиссияи ташхис.

-Сӯфизода Шодимухаммад, доктори илми филология, узви шуро, узви комиссияи ташхис.

Қарор карда шуд: тарафдор – 10 нафар, зид, бетараф нест.

Муовини Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Назарзода С.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Юсуфов У.